Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон

Намояндагии Ташкилоти байналхалқии ислоҳоти маҳбасҳо PRI дар Осиёи Марказӣ

Институти Ҷамъияти Кушода - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон

Иттифоқ зидди шиканҷа

Хазинаи ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»

**ПРЕСС-РЕЛИЗ**

# Огоҳониву пешгирии зӯроварӣ ва дигар муносибатҳои бераҳмона нисбати кӯдакон дар муассисаҳои пӯшида

**25-27 майи 2016 с. ш. Душанбе -** Созмони ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ» дар якҷоягӣ бо Эътилофи ташкилотҳои ҷамъиятии зидди шиканҷа дар Тоҷикистон, бо кӯмаки молии бахши ташкилоти байналмилалии «Институти Ҷамъияти Кушода - Бунёди Мадад» дар Тоҷикистон оид ба огоҳониву пешгирии зӯроварӣ ва дигар муносибатҳои бераҳмона нисбати кӯдакон дар муассисаҳои пӯшидаву нимапӯшидаи Тоҷикистон давраи омӯзишӣ мегузаронад. Дар ин давраи омӯзишӣ намояндагони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии чор вилояти Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок хоҳанд кард.

Дар рафти омӯзиш иштирокчиён механизмҳои байналмилалӣ ва миллии огоҳониву пешгирии зӯроварӣ ва дигар муносибатҳои бераҳмона нисбати кӯдакон дар муассисаҳо, инчунин усулҳои ошкор намудани муносибати бераҳмона нисбати кӯдаконро баҳсу баррасӣ намуда, дар самти офиятбахшии ҳамаҷониба ва самараноки ҷабрдидагони зӯроварӣ табодули таҷриба мекунанд.

Дар чорабинӣ ба ҳайси тренер коршиноси байналмилалӣ дар самти равоншиносӣ Лилит Геворкян аз Арманистон, коршиноси миллӣ дар самти ҳимоя ва рушди ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон Дилбар Турахонова, инчунин коршиноси миллӣ дар самти татбиқи Протоколи Истамбул Парвина Наврӯзова даъват шудаанд.

Давраи омӯзишӣ дар доираи лоиҳаи сесолаи Ислоҳоти байналмилалии ҳабсҳо PRI, ки ба бартараф намудани зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар муассисаҳои пӯшидаи Осиёи Марказӣ равона гардида, дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо созмони ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӯӣ», бо кӯмаки Иттиҳоди Аврупо роҳандозӣ шудааст, доир мегардад.

43%-и кӯдаконе, ки дар пажӯҳиши PRI «Голос ребенка» («Садои кӯдак») дар соли 2015 иштирок намудаанд, гуфтанд, ки онҳо худро дар шӯъбаи милитсия амну бехатар ҳис кардаанд. Аз ҳар се нафар як кӯдак дар бораи муносибати бади милисаҳо зикр карда гузаштанд ва аксарият гуфтанд, ки таҳқири дурушти лафзӣ шунидаанд. Як писар аз андаке зӯроварии ҷисмонӣ шикоят кард ва боз як писари дигар аз истифода шудани ҳаракатҳои зӯроваронаи бераҳмона нисбаташ шиква намуд. Ягон нафар аз кӯдаконе, ки дар бораи сӯйистифодаҳо хабар доданд, дар ин бора калонсолонро огоҳ накардаанд. Қисми зиёди кӯдакон ин корро накардаанд, зеро мутмаин будаанд, ки ба онҳо бовар намекунанд. Гузоришгари вижа оид ба шиканҷа дар соли 2015 гузориши иловагӣ тартиб дод, ки дар он идома доштани нигарониҳо оид ба «ҳисоботҳо дар бораи он, ки кӯдакони дар низоъ бо қонун қарордошта ҳангоми ҳабс ва зинаҳои гуногуни боздошт бо муносибати бераҳмона дучор мешаванд» зикр ёфтааст.

Макони баргузории давраи омӯзишӣ: маҷлисгоҳи меҳмонхонаи «Комфорт», шаҳри Душанбе, кӯчаи Толстой, 59.
**Рӯз ва вақти баргузорӣ: 25-27 майи 2016 с., соати 09:00 то 17:00.**
Барои дарёфти маълумоти иловагӣ, лутфан, ба Гулчехра Раҳмонова муроҷиат намеоед – 93 578 20 90, суроғаи электронӣ: *g.rakhmanova.rakhmanova@gmail.com*

---

*Лоиҳа амалӣ мегардад:*

Намояндагии Ташкилоти байналхалқии ислоҳоти маҳбасҳо PRI дар Осиёи Марказӣ

010000 Остона, Қазоқистон,
к. Кабанбай ботур 7/1 ВП 20.
www.penalreform.org

*Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.*

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.